# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқи диссертатсионии **Рустамзода Саодат Рустам** ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир, методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти типологӣ ва муқобилавӣ дар замони муосир дар асоси маводди луғавии забонҳои гуногуни хориҷӣ гузаронида мешаванд, ки барои тақвияти иртибототи байналмилалӣ, рушди забонҳо, зарурати баланд бардоштани сатҳу сифати таълими забонҳои хориҷӣ ва бахусус, маҳоратҳои тарҷумонӣ замина мегузорад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ҳамчун яке аз масъалаҳои марказӣ ва муҳимми забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ аз аҳаммияти махсуси илмӣ бархӯрдор аст.

Диссертатсияи С.Р. Рустамзода, ба назари мо, яке аз масъалаҳои мубрам дар забоншиносии муосир маҳсуб меёбад, зеро истилоҳшиносӣ, тарҷумаи истилоҳот, усулҳои тарҷумаи саҳеҳ ва меъёрҳои тарҷумаи истилоҳот диққати махсусро тақозо менамояд.

Бо ҳамин далелҳо Рустамзода С.Р. муҳиммияту зарурати таҳқиқоти диссертатсионии худро ба арз мерасонад.

Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи усулҳои фаъоли тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, дар муқоиса ва муқобилаи сохтори луғавии забонҳои гурӯҳҳои мухталиф – германӣ (забони англисӣ) ва эронӣ (забони тоҷикӣ), бахшида шудааст, ки ҳар яке бо роҳи худ ва мустақилона ташаккул ёфтаанд.

Табиист, ки ҳар истилоҳ бо падид омадани мафҳумҳои нав, ташаккули тафаккури ҷомеа ва пешрафтҳои илмию техникӣ ба вуҷуд меояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсиргузорию нуфузи ҷаҳони мутараққӣ ба забон ва ҷомеаи тоҷик бештар мушоҳида мешавад.

Хушбахтона, имрӯзҳо бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат ҷиҳати тоза намудани забон аз истилоҳоти бегона бо истифода аз лаҳҷаву гӯишҳои мардуми кишвар – хазинаи тамомнашавандаи луғавӣ, корҳои зиёде ба анҷом расида истодаанд. Вале, ҳанӯз ҳам, ҷойи таассуф аст, ки бо доштани осори гаронбаҳо дар тамоми риштаҳои илму фан дар забони тоҷикӣ истилоҳоти бегона мавриди корбурд ҳастанд.

Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки бо қолабҳои гуногуни калимасозӣ,

муодилёбӣ, тарҷума ва калкаҳо пайкараи забони тоҷикиро устувор карда, аз иқтидори дохилии забон ба андозаи зарурӣ истифода намоем. Дуруст аст, ки истилоҳот дар баъзе риштаҳо, маъмулан, байналмилалӣ ё аврупоӣ мешаванд, вале ба назари мо, дар баробари донистани он, сохтану муодилёбии истилоҳи тоҷиконаи барои мардум фаҳмо, аз фоида холӣ нест.

Ҳамин аст, ки Рустамзода Саодат Рустам таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бисёр зарурӣ мешуморад. Бахусус, омӯзиши назариявии мутобиқати байнизабонии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва муайян намудани дараҷаҳои муодилнокии онҳо, таҳлили сабабҳои асосии мушкилоти тарҷуманопазирӣ ва дарёфти усулҳои мувофиқи бартарафсозӣ, инчунин, мушаххас намудани фаркият дар низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ-риёзиро аз вазифаҳои асосии таҳқиқот қарор додааст.

Бо гузоштани мақсаду вазифаҳои мушаххас, муаллифи диссертатсия масъалаи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитариро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст. Ӯ тафовути методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз илмҳои табиӣ-риёзиро муайян карда, таҳияи қолаби махсус барои тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ пешниҳод намудааст.

Мутобиқ бо ҳадафу вазифаҳои гузошташуда мундариҷаи муфассал таҳия гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима панҷ боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар маҷмуъ, 487 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ таъкид карда шудаанд. Мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар маълумотҳо, ки банд ба банд бо талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқат мекунад, ки дар бахши "тавсифи умумии таҳқиқот" зикр карда шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия **"Таърихи ташаккули марҳилаҳои тарҷума ва мушкилоти тарҷумаи истилоҳот дар тарҷумашиносӣ"** унвон дошта, аз се фасл ва хулосаи боб иборат аст. Дар фасли аввал "Марҳилаҳои таърихии таҳаввули тарҷума дар тарҷумашиносии форсу тоҷик ва Аврупо" дар такя бо нишондодҳои муаррихон ва осори бостонӣ заминаҳои фаъолияти тарҷумонӣ ва пайдоиши назарияҳои илмии тарҷумаву тарҷумашиносӣ аз замонҳои хеле куҳан – Юнону Руму Эрони қадим, то замони мо маълумоти муфассал додааст.

Диссертант дар ин боб масъалаҳое ба монанди намудҳои тарҷума, назарияи мутобиқати байнизабонӣ, дараҷаҳои муодилнокӣ дар истилоҳот ва таҳқиқи низоми истилоҳот, роҳу воситаи ташаккули он дар раванди тарҷумаро ба баҳс кашидааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия **"Мушкилоти тарҷуманопазирии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ"** низ аз се фасл ва хулосаи боб ташкил шуда, масъалаҳои гуногуни истилоҳшиносӣ, мушкилоти тарҷумаи маъноҳои луғавӣ дар раванди тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия марҳалаҳои ташаккули истилоҳот, мушкилоти тарҷумаи сермаъноӣ, омонимия, муродифот ва мутазод дар истилоҳот ва ҳамчунин роҳ надодан ба иштибоҳоти маъмул ва эҳтимолиро дар раванди тарҷума дар ҳамин боб матраҳ намуда, бо намунаҳои мушаххас нишон додааст.

**Боби сеюми** диссертатсия ба масъалаи **"Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ"** ихтисос дода шуда, аз ду фасл иборат аст. Диссертант дар ин боб ба тавзеҳи истилоҳи методология, метод ва стратегияи тарҷумаи истилоҳоти гуманитарӣ дар тарҷумашиносӣ пардохта, тафовути методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ (дақиқ)-ро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Мавзуи **"Равиши тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** дар **боби чоруми** диссертатсия ба таври бисёр муфассал таҳлил гардида, аз даҳ фасл таркиб шудааст. Ин боб, дар маҷмуъ, фарогири истилоҳоти аксари илмҳои гуманитарӣ буда, аз рӯйи хусусияти роҳу усул ва равишҳои тарҷума тасниф ёфтаанд.

**Боби панҷум** ва ниҳоии диссертатсия **«Корбаст ва таҳлили истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар мисоли асарҳои "Lost Enlightment" ("Маърифати гумшуда")-и Фредерик Старр ва "Тоҷикон" ("Tajiks")-и Бобоҷон Ғафуров ва таҳвилоти тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб, диссертант истилоҳоти гуманитариро дар мисоли асарҳои дар боло зикршуда таҳлил намуда, дар баробари муайян кардани роҳу усулҳои таҳвили луғавӣ, инчунин, баъзе ғалатҳои тарҷумаҳоро низ ошкор сохтааст.

Ба таври умум, муаллифи рисола муваффақ гардидааст ба исбот расонад, ки бо вуҷуди собиқаи дерин доштани миллати тоҷик ва мардумони англисзабон дар фаъолиятҳои тарҷумонӣ ва тарҷумашиносӣ, на ҳар як забондон метавонад мутарҷими хуб бошад. Зеро ҳамеша имкон дорад заруратҳо ва ҳолатҳое пеши рӯ биёянд, ки аз мутарҷим маҳоратҳои хосса дар

фарогирии ҳама гуна донишҳо, огоҳӣ аз фарҳангу русуми мардумони дигар ва мантиқу фалсафаро тақозо кунанд.

Дар хулоса ба таври мушаххас ва пайдарпай натиҷаҳои таҳлил ва баррасии мавзуи таҳқиқот дар 21 банд пешниҳод гардидааст, ки ба мақсаду вазифаҳои гузоштащуда ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда мутобиқат доранд. Дар охир оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо низ пешниҳод кардааст.

Арзиши илмии диссертатсияи С.Р. Рустамзода бидуни шак дар он аст, ки маводди фароҳамшуда, таҳлилу баррасӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи ӯ барои рушди илми тарҷумашиносӣ, методологияи тарҷума, назария ва амалияи фаъолиятҳои тарҷумонӣ, ҳам барои забони тоҷикӣ ва ҳам барои забони англисӣ ва дигар забонҳо муфид арзёбӣ мегардад. Гузашта аз ин, маводди диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун сарчашмаи илмии муътабар дар пажӯҳишҳои илмӣ, таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ ва навиштани мақолаҳои зиёди марбут ба ин фаъолиятҳо хизмат кунад.

Дар баробари ин ҳама муваффақиятҳои зикршуда, дар кори диссертатсионии С.Р. Рустамзода баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расиданд:

1. Баъзе натиҷаҳои пешниҳодшуда қобилияти истифодаи мустақил ҳамчун тавсияҳои методиро доранд. Аз ин рӯ, хуб мешуд агар дар замимаҳои диссертатсия намунаҳои амалии татбиқи методологияи пешниҳодшуда ё дастурамали кӯтоҳи истифодаи он барои тарҷумонҳо низ пешниҳод мегардид;

2. Дар диссертатсия камбудиҳои забонӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд. Баъзе ҷумлаҳо хеле дароз ва мураккабанд. Масалан, ҷумлаҳои дорои якчанд фикри асосӣ беҳтар аст ба ду ё се ҷумла ҷудо карда шаванд.

Албатта, камбудиҳои мазкур ба қимату арзиши илмии диссертатсия ҳеҷ гуна халале намерасонанд, вале ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест, зеро муаллиф дар таҳқиқи масъалаи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кори ниҳоят арзишманд ва сазовореро ба анҷом расонидааст.

Автореферати рисола ба муҳтавои диссертатсия комилан мутобиқат дорад.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 2 монография ба табъ расида, нуктаҳои асосии диссертатсия дар 27 мақола, ки аз он 17 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нашр гардидаанд. Маводди илмӣ ва натиҷаҳои муҳимми диссертатсия дар доираи конференсияҳои

байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дохил ва хориҷи кишвар, дар солҳои 2021-2025 баррасӣ гардидаанд.

Забони диссертатсия равон, суфта ва илмӣ буда, ба дарку фаҳми хонанда мувофиқ аст.

Хулоса, диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забон ва адабиёти тоҷикии Донишкадаи
байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Шокириён Туғрал Сироҷзода

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 12,
бинои 36, хонаи 2.
Тел.: (+992) 926-34-51-00
E-mail: shokirov1953@mail.ru

Имзои Т.С. Шокириёнро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кардҳо ва корҳои махсуси
ДБХ-и ДБССТ Юнусова О.

**Суроғаи муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 28, бинои 1
Тел: +9923422 2-38-11
“28” 08 соли 2026